# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш» дар хоҷагии таҷрибавии Сунбулаи шаҳри Ҳисор дар баландии 700 -800 м ва стансияи таҷрибавии зироатҳои субтропикӣ ва ситрусии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ дар баландии 330м аз сатҳи баҳр ба анҷом расонида шудааст. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур, ба ҳалли мушкилоти селексия ва баҳодиҳии хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ, ки навъу намунаҳои ба вуҷудовардаи олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ мебошанд, бахшида шуда, ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Дар амал татбиқ намудани ду ҳадафи стратегии мамлакат - таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноаткунонии босуръати кишвар бе рушди соҳаи кишоварзӣ аз он ҷумла бахши боғу токпарварӣ амали гардидани он ғайри имкон мебошад. Солҳои охир талабот ба меваю ангур, ки дорои хусусияти шифоӣ ва ғизоии бой мебошанд, зиёд мебошад.

Муаллиф хулосабарорӣ намудааст, ки яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ин ба вуҷуд овардани навъҳои нави серҳосилу ба талаботи бозор ҷавобгӯ ва мукаммалгардонии технологияи бунёди боғҳо бо тарзи замонавӣ мебошад. Парвариш ва зиёд намудани хурмои шарқӣ, дар минтақаҳои боғдории ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва мубрами имрӯза мебошад.

Ин далелҳо шоҳиди онанд, ки маводҳои дар диссертатсия ва автореферат овардашуда, заҳмати худи муаллиф буда, барои корбарӣ дар ҳифзи захираи табиӣ ба кормандони хоҷагии ҷангал, ҳифзи муҳити зист, олимони соҳавӣ ва ҳаводорони соҳаи боғдорӣ ҳамчун дастурамал хизмат карда метавонад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои илмии бадастомада, дар он зоҳир мешаванд, ки бо мақсади гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва ҷудо намудани навъҳои ояндадор барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудан, коллексияҳои навъу намунаҳои хурмои шарқиро аз нав барқарор карда шудааст.

Муҳаққиқ дар ҷараёни тадқиқот муайян кардааст, ки давраҳои гуногуни сабзиши растаниҳои тадқиқотӣ ба шароити муҳит, пеш аз ҳама аз баландии ҷойгиршавии минтақа ва миқдори боришот вобастагӣ дошта, хусусиятҳои ба сармо тобоварӣ, сифати мева, нигоҳдорӣ, интиқол додан ва хушконидани онҳоро ташкил дода, дар натиҷа аз байни 15 навъу намунаҳои тадқиқотӣ 3- навъи дорои хусусиятҳои хоси хоҷагию- биологӣ дошта, аз он ҷумла 1 навъ барои истеҳсоли хушкмева интихоб карда шудааст, ки аз ҷонби муаллиф ба Комиссияи давлатии озмоишии навъҳои зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъи Вазорати кишоварзӣ супорида шудааст.

Муаллиф натиҷаҳои бадастовардаашро барои ҳимоя бо чунин нуқтаҳои асосӣ пешниҳод менамояд:

1. Дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш омӯзиши хусусиятҳои биологӣ, марҳилаҳои фенологӣ ва тагпайвандҳо барои навъҳои хурмои шарқӣ.
2. Нишондодҳои маҳсулотнокӣ, ҳосилнокӣ ва таркиби биохимиявии сифати меваҳои тару тозаи навъҳои хурмои шарқӣ.
3. Самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои селексияи маҳаллии хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Асоснокии нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда ба омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оиди муайян намудани давомнокии марҳилаҳои гуногуни фенологӣ вобаста аз ҳарорат дар шароитҳои гуногун бо истифодаи усулҳои маъмул тасдиқ мегардад.

Натиҷаҳои асосии таҳдқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф ҳамасола дар ҷаласаҳои шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ (дар тӯли солҳои 2016-2018) муҳокима карда шудаанд. Корҳои илмию тадқиқотӣ доир ба хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш дар асоси усули дар боғдорӣ қабулшуда, гузаронида шуда, натиҷаҳои гирифташуда бо истифода аз усули таҳлили дисперсионӣ тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] дар

барномаи компютерии Microsoft Excel (2010) гузаронида шудаст. Хулоса ва пешниҳодҳо ба тадқиқоти илмӣ асос ёфтаанд.

Ин далелҳо шоҳиди онанд, ки маводҳои дар диссертатсия ва автореферат овардашуда, заҳмати худи муаллиф буда, барои корбарӣ ба кормандони хоҷагии ҷангал, ҳифзи муҳити зист ва ҳаводорони соҳаи боғдорӣ ҳамчун дастурамал хизмат карда метавонад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Ҳаҷми диссертатсия 161 саҳифаи чопии компютериро ташкил медиҳад. Сохтори он фарогири муқаддима, 5 боб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда аз 195 номгӯй иборат аст, ки 19 номгӯйи он ба муаллифони хориҷӣ мансуб мебошанд. Инчунин баъзе маълумотҳои иловагӣ ва оморӣ доир ба натиҷаҳои кори илмӣ ва таҳлилу муқоисаи нишондодҳо дар 23 расм, 10 диаграмма ва 29 ҷадвал инъикос ёфтааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ асоснок гардида, сатҳи омӯзиши он аз нуқтаи назари илмию амалӣ баррасӣ гардида, мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои тадқиқотӣ, асосҳои методӣ, назариявии тадқиқот, муқаррарот барои дифоъ, дараҷаи эътимоднокӣ ва таъйиди натиҷаҳои тадқиқот дарҷ гардидааст.

**Дар боби аввали** диссертатсия маводи илмӣ дар робита бо интишороти олимони соҳа оид ба таърих, хусусиятҳои биологӣ, аҳаммияти хоҷагӣ, селексия, ба сармо тобоварӣ ва нишондиҳандаҳои биохимиявии таркиби меваҳои растании хурмои шарқӣ таҳлил карда шуда, оид ба тадқиқоти олимон бо мақсади таҳлилу муқоисаи натиҷаҳо мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Боби дуюми** рисола пиромуни масъалаи объектҳо, маводҳо, шароити иқлими минтақаҳои тадқиқотӣ (водиҳои Ҳисор ва Вахш) ва усулҳои тадқиқот бахшида шудааст. Инчунин, усулҳо барои дақиқ намудани давраҳои фенологӣ, хусусиятҳои биологӣ, аҳаммияти хоҷагӣ, селексия, ба сармо тобоварӣ, нишондиҳандаҳои биохимиявии таркиби меваҳои растаниҳои тадқиқотӣ инчунин коркарди омории маълумоти бадастоварда дар асоси такроршавии биологӣ, аналитикӣ ва тарзи назоратии онҳо бо таҳлил ва нишон додани равишҳо шарҳ дода шудааст.

**Боби сеюм**, қисмати таҷрибавии кори диссертатсионӣ ба шумор меравад, ки омӯзиши давраҳои фенологӣ, хусусиятҳои биологӣ, аҳаммияти хоҷагӣ, селексия, ба сармо тобоварӣ, нишондиҳандаҳои биохимиявии таркиби меваҳои растаниҳои таҳқиқотиро фаро мегирад.

Диссертант муайян намудааст, ки давраҳои фенологии растаниҳои тадқиқотӣ, саршавии нашъунамо ва аз давраи оромӣ баромадани онҳо якхела набуда, вобаста ба шароити мавзеъҳои сабзиш, оғоз, давомнокӣ ва анҷоми давраҳои фенологии онҳо гуногун буда, байни навъҳои тезпаз ва дерпаз 8- рӯз ва фарқи байни минтақаҳои тадқиқотӣ ба ҳисоби миёна то 11 рӯз мебошад.

Муаллиф исбот намудааст, ки ҳосилнокии растаниҳои тадқиқшуда дар водии Ҳисор нисбат ба водии Вахш, баландтар аст, ки ин аз таъсири омилҳои экологии ҳарорат ва давомнокии давраҳои нашъунамои растаниҳо вобастагӣ дорад.

**Диссертант дар боби чорум** натиҷаи озмоиш ва таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба сифат, ҳосилнокӣ ва таркиби мева дарҷ намудааст, ки таъсири омилҳои экологӣ ба рехтани мева, ҳосилнокӣ ва сифати меваи навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Вахш ва Ҳисор, баҳогузорӣ карда шудааст. Ҳамчунин муаллиф дар ин боби рисола маълумотҳои ҷолиброо доир ба тарзи хушконидан, сифати меваи хушк, таркиби бохимиявии меваҳо, таъсири меваҳо аз касалиҳо, зараррасонҳо ва самаранокии иқтисодии навъу намунаҳои хурмои шарқиро дар водиҳои Ҳисор ва Вахш овардааст.

**Дар боби панҷуми** диссертатсия доир ба баррасии натиҷаҳои тадқиқот муаллиф навъҳои беҳтаринро барои дар оянда рушду парвариш кардан тавсия додааст, ки онҳо дорои аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Инчунин муаллиф навъҳои интихобгардидаи Шарқӣ, Шоҳона, Ваҳдат ва Вахш, ки аз ҷиҳати хусусияти устуворӣ баланд доштан ба сармо, касалиҳо, бартарии сифати мева, мувофиқ барои хушккунӣ ҳамчун навъҳои ояндадор барои водиҳои Ҳисор ва Вахш ва навъҳои Ваҳдат ва Шоҳона ҳамчун гардолудкунандаи дигар растаниҳои ин авлод тавсия додааст.

Дар хулосаи диссертатсияи худ муаллиф натиҷаи иҷрои ҳар як масъалаи муҳими мавриди назарро ҷамъбаст карда, маълумотҳои бадастомадаро аз нигоҳи илмӣ таҳлил намуда, тавсияҳои арзишманди илмиро манзур намудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Дар диссертатсия дарҷ гардидааст, ки аҳамияти тадқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд, меваҳои хушсифат, қобилияти баланди нигоҳдорӣ, интиқолдиҳӣ ва ба

хушконидан мувофиқ, дар оянда барои бунёди боғҳои хурмо пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳалли масъалаҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амнияти озуқаворӣ ва таъмини саноати хуроквbooрӣ ба ашёи хом мусоидат мекунад. Инчунин навъҳои хурмои шарқииояндадор: Шарқӣ, Шоҳона, Вахш, ва Ваҳдат, ки дорои аломатҳои хоси хоҷагию биологӣ мебошад, барои корҳои селексионӣ истифода бурда мешаванд.

Аҳамияти иқтисодии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз навъҳои иқтидори баланди мутобиқшавӣ ва ҳосилнокӣ дошта, дараҷаи даромаднокии парвариши навъу намунаҳоро дар шароити водии Ҳисор аз 169,7 (навъи Шоҳона), то 222,6 % (навъи Шарқӣ) ва сатҳи фоидаро дар як гектар ба 39,6-50,1 ҳазор сомонӣ нишон кардааст, ки ин нишондиҳандаҳо барои хурмои шарқӣ назаррас мебошад.

Хулосаҳои назариявӣ, амалӣ ва методии дар рисола зикрёфтаро зимни баргузории курсҳои омӯзишӣ дар миёни олимони соҳаи растанипарварӣ, мутахассисони хоҷагии ҷангал, кормандони илмӣ, унвонҷӯён, муаллимон ва муҳассилини ихтисосҳои равияи табиӣ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ буда, ҷиҳати зиёд намудани майдони боғҳои намудҳои объекти тадқиқ ва самарабахш шуморидан мумкин аст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муҳимтарин натиҷаҳои илмии диссертант, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, дар 13 кори илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷумла, 8 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 5 мақолаю фишурдаҳои илмии дар нашрияҳои дигар ба табъ расида, дарҷ ёфтааст. Мақолаҳои илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро дуруст инъикос мекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Умуман барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, дар асоси натиҷаҳои он заминаҳои назариявии дастовардҳои илмӣ ҳосил гардида, ҳамчун татбиқи он дар истеҳсолот (самти боғдории субтропикӣ) чун ҷанбаи асосноки илмӣ ба рушди мамлакат ниҳоят муҳим мебошад.

Диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш», дар асоси талаботҳо “Дастурамал” оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферети

диссертатсия, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар диссертатсияи мазкур дар баробари ҷустуҷуйҳои эксприменталӣ, баҳсу баррасиҳои муҳими илмӣ баъзе камбудӣ ва норасоиҳо мавҷуданд, ки зикри онҳо барои такмили диссертатсия аз аҳамият холӣ нест:

1. Дар рисола дарҷ гардидааст, ки хурмои кавказӣ растании интродуксионӣ мебошад, ҳоло он ки хурмои кавказӣ дар шароити Тоҷикистон растании табиии мебошад на ҳамчун растании интродуксияшуда (саҳ. 17 сархати дуюм).

2. Дар тамоми матни саҳифаҳои диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва мазмунӣ ба чашм мерасад.

3. Диссертант дар диссертатсия доир ба мушоҳидаҳои фенологии вобаста ба мавзеҳои тадқиқот ва навъҳои растаниҳои тадқиқотӣ барои солҳои 2016-2018 маълумот овардааст. Агар муҳақиқ спектори давраҳои фенологиро тартиб медод, ин ба манфиати кори диссертатсионӣ мешуд.

4. Дар боби якум маълумоти зарурӣ оид ба таърихи корҳои селексионӣ дар Тоҷикистон, саҳми олимони тоҷик дар ба даст овардани навъҳои хурмои шарқӣ ва дигар хелҳои хурмо дар зербоби алоҳида оварда мешуд, аҳаммияти ин бобро боз пуратар мегардонид.

5. Муаллиф дар саҳифаҳои 26, 42, 85, 87 маълумотҳои илмии дигар олимонро истифода бурдааст ин хуб аст, аммо аз чи сабаб бошад, ки ба ин сарчашмаҳои истифодашуда ишора накардааст (Яъне иқтибос наовардааст).

6. Дар руйхати номгӯи нумуд хурмои кавказӣ, ки бо забони лотинӣ оварда шудаанд, хатогиҳои имлоӣ мавҷуд аст. Масъалан ба ҷойи калимаи Diospyros lotus навишта шудааст Diospyros Lotis, ки ин пурра нодуруст аст, ин номи намуди хурмо аст (саҳифаи 17).

7. Дар охири бобҳои диссертатсия хулосаи мушаххаси муаллиф доир ба ин ё он масъала равшан баён наёфтааст, ки аз ин метавнист моҳият, сохтори кори диссертатсионӣ ва арзиши илмии он бештар тақвият ёбад.

8. Дар рисола номи муаллифони сарчашмаҳои истифодашудаи ватанӣ нодуруст навишта шудааст (дар саҳифаҳои 32, 33, 85).

9. Муаллиф аз дастовардҳои илмии олимони тоҷик бевосита оид ба парвариши растаниҳои субтропикии Тоҷикистон ба таври кофӣ истифода набурдааст.

10. Аз 195 адабиёти истифодашуда ҳамагӣ 10% дуруст тибқи тартиби муқарраршуда ҷобаҷогузорӣ шудаасту халос (Саҳ. 141-159).

Ҳамин тариқ, камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ ва тавсиявӣ доранд. Автореферат ба мазмун ва муҳтавои дисертатсия мувофиқат мекунад.

**Хулоса.** Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии бисёрсолаи анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Доктори илмҳои биологӣ,
мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Бобозода И.А.
*30 январи соли 2026*

**Суроғаи муқаррizi расмӣ:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ноҳияи Варзоб, деҳаи Ғажне.
тел: +992 (93) 600-06-77;
E-mail: ilhomjon.77@mail.ru

Имзои И.А. Бобозодаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Қодирзода С.
*30 январи соли 2026*

**Суроғаи муассиса:** 733740, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони. Рудакӣ, 121.
тел: +992 (37) 224-13-83;
www.tgpu.tj, E-mail: info@tgpu